Лоиҳа

Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «__» _______ соли 20___, №__
тасдиқ шудааст

Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда

Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда (минбаъд – Тартиб) мутобиқи қисми 3 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» (минбаъд – Қонун) таҳия гардида, тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин чораҳои нисбат ба чунин кишварҳо ва ҳудудҳо татбиқшавандаро барои коҳиш додани хавфҳо муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд – давлатҳо ва ҳудудҳое, ки стандартҳои байналмилалиро дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ намекунанд ё онҳоро ба таври нокифоя татбиқ мекунанд, инчунин минтақаҳои оффшорӣ;
- минтақаҳои оффшорӣ – давлатҳо ва (ё) ҳудудҳое, ки ба андозсупорандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ) низоми имтиёзноки андозбандиро пешниҳод намуда, маълумотро доир ба амалиётҳои молиявӣ ва амалиётҳои дигари молумулкӣ ифшо ва пешниҳод намекунанд;
- департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – департаменти мониторинги молиявӣ) – воҳиди сохтории мустақил ва махсуси Бонки миллии Тоҷикистон буда, мақсад, вазифа ва ваколатҳояш дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ

(расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мутобиқи Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

## 2. ТАРТИБИ ТАШАККУЛ ВА ИНТИШОРИ ФЕҲРИСТИ КИШВАРҲО ВА ҲУДУДҲОИ ДОРОИ ХАФВИ БАЛАНД

2. Феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд бо тартиби пешбининамудаи Тартиби мазкур аз ҷониби департаменти мониторинги молиявӣ таҳия ва мунтазам таҷдид карда мешавад.

3. Ба феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд давлатҳо ва ҳудудҳои зерин дохил карда мешаванд:

- давлатҳо ё ҳудудҳое, ки стандартҳои байналмилалиро дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ намекунанд ё онҳоро ба таври нокифоя татбиқ мекунанд, ки аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) муайян ва татбиқи чораҳоро нисбат ба онҳо даъват намудааст;
- давлатҳо ё ҳудудҳои дорои хавфи баланд, ки аз ҷониби Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ё Шурои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташаккул дода шуда, татбиқи чораҳоро нисбат ба онҳо даъват намудааст;
- давлатҳо ё ҳудудҳое, ки нисбат ба онҳо бо қарори Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ ва маҳдуднамоӣ муқаррар гардида, иҷрои онҳо барои давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ҳатмӣ мебошад;
- давлатҳо ё ҳудудҳое, ки аз ҷониби Институти идоракунии Базел ҳамчун дорои радабандии баландтарини 10 кишвари аввал бо холи аз ҳама баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкнуии силоҳи қатли ом муайян шудаанд;
- давлатҳо ё ҳудудҳое, ки дорои шохиси баландтарини 10 кишвари аввал бо холи аз ҳама баланди фаъолияти террористӣ ва хатари террористӣ мутобиқи Шохиси ҷаҳонии терроризм мебошанд;
- минтақаҳои оффшорие, ки мутобиқи замима ба Тартиби мазкур муқаррар гардидаанд;
- давлатҳо ва ҳудудҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят

бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ҳамчун дорои хавфи баланд муайян шудаанд.

4. Рӯйхати кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли электронӣ ҷойгир карда мешавад. Сохтор ва шакли рӯйхати кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд аз ҷониби департаменти мониторинги молиявӣ муайян карда мешавад.

5. Департаменти мониторинги молиявӣ мониторинги мунтазами сомонаҳои расмии ташкилотҳои байналмилалии дар банди 3 Тартиби мазкур муайяншударо амалӣ намуда, дар сурати таҷдид гардидани рӯйхатҳои кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди аз ҷониби онҳо таҳияшаванда, дар давоми ду рӯзи корӣ тағйиру иловаҳои дахлдорро дар Феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ворид менамояд.

6. Дар давоми рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд департаменти мониторинги молиявӣ Феҳристи таҷдидшударо дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир намуда, ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва мақомоти назоратӣ бобати ҷойгир намудани он бо назардошти тағйиру иловаҳо ба Феҳрист ва ворид/хориҷ шудани давлат ё ҳудуд аз он тариқи шабакаҳои алоқаи электронӣ хабарнома ирсол менамояд.

## 3. ЧОРАҲОИ НИСБАТ БА КИШВАРҲО ВА ҲУДУДҲОИ ДОРОИ ХАВФИ БАЛАНД ТАТБИҚШАВАНДА

7. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт (аҳдҳо) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштариро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ менамоянд.

8. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштариро мувофиқ ба хавф ва бо назардошти тавсияҳои департаменти мониторинги молиявӣ ва мақомоти назоратӣ татбиқ менамоянд.

9. Чораҳои нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд татбиқшаванда бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

10. Субъектҳои ҳисоботдиҳанда ва мақомоти назоратӣ дар доираи салоҳияти худ нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд чораҳои зеринро татбиқ менамоянд:

- чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт (аҳдҳо) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд;

- ба департаменти мониторинги молиявӣ хабар додан оид ба амалиёт (аҳд) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки дар кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ба қайд гирифта шудаанд ё амал мекунанд ё оид ба анҷом додани амалиёт бо онҳо, новобаста аз маблағи амалиёт (аҳд);

- даст кашидан аз ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ё анҷом додани амалиёт (аҳд) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд;

- даст кашидан ё қатъ намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ ё муносибатҳои дигари ба онҳо монанд бо шахси ҳуқуқие, ки дар кишвар ва ҳудуди дорои хавфи баланд ба қайд гирифта шудааст;

- татбиқи чораҳои санҷиш (назорат)-и қатъӣ ва (ё) пурзӯр намудани талаботи аудити берунӣ нисбат ба филиалҳо ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқие, ки дар кишвар ва ҳудуди дорои хавфи баланд ба қайд гирифта шудааст;

- рад намудани пешниҳоди иҷозатнома ба ҷамъиятҳои фаръӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқие, ки дар кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ба қайд гирифта шудаанд;

- рад намудани иҷозатномадиҳӣ ба шахси ҳуқуқие, ки ба ҳайси муассиси он шахси воқеӣ ё ҳуқуқии дар кишвар ё ҳудуди дорои хавфи баланд бақайдгирифташуда баромад мекунад;

- манъ намудани таъсиси филиал ё намояндагиҳо дар кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда.

11. Чораҳои пешбининамудаи банди 10 Тартиби мазкур танҳо нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, ки номгӯи онҳоро департаменти мониторинги молиявӣ дар асоси изҳороти расмии Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) ва дигар ташкилотҳои байналмилалии дар банди 3 Тартиби мазкур муқарраршуда муайян ва дар сомона ҷойгир мекунад, татбиқ мегарданд.

12. Мақомоти назоратӣ чораҳои дар банди 10 Тартиби мазкур пешбинишударо нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамоянд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Дар ҳолати хориҷ гардидани кишвар ё ҳудуд аз Феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, нисбат ба чунин кишвар ва ҳудуд татбиқи чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ ё дигар чораҳои дар Тартиби мазкур пешбинишуда қатъ мегардад.

14. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Тартиби мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замима
ба Тартиби ташаккул ва интишори
феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд,
инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда

# РӮЙХАТИ МИНТАҚАҲОИ ОФФШОРӢ

1. Ангила (ҷазира)
2. Шоҳигарии Андорра
3. Ҷазираҳои Антил (Шоҳигарии Нидерланд)
4. Ҷазираи Антигуа
5. Аруба (ҷазира дар Баҳри Кариб)
6. Давлати Мустақили Самоа (Самоаи Ғарбӣ)
7. Иттиҳоди ҷазираҳои Багам
8. Ҷазираи Барбуда
9. Шоҳигарии Белгия
10. Белиз
11. Ҷазираҳои Бермуд
12. Ҷазираҳои Виргинияи Британия
13. Гватемала
14. Гренада
15. Иттиҳоди Доминика (ҷазираи Доминика)
16. Ҷазираҳои Теркс ва Кайкос (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
17. Ҷумҳурии Либерия
18. Шоҳигарии Лихтенштейн
19. Ҷазираҳои Кайман (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
20. Ҷумҳурии Коста-Рика
21. Ҷазираҳои Маршал
22. Ҷазираи Мен (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
23. Шоҳигарии Монако
24. Монтсеррат (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
25. Ҷумҳурии Науру
26. Ниуэ (ҳудуди тобеи Зеландияи Нав)
27. Гибралтар (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
28. Ҷумҳурии Сан-Марино
29. Федератсияи Сент-Китс ва Невис
30. Сент-Люсия
31. Сент-Винсент ва Гренадинҳо
32. Ҷумҳурии Вануату

33. Ҷумҳурии Шарқии Уругвай
34. Ҷазираҳои Кук (Зеландияи Нав)
35. Шоҳигарии Баҳрейн
36. Ҷумҳурии Барбадос
37. Давлати Бруней-Дауруссалам
38. Кюрасао (Шоҳигарии Нидерланд)
39. Гернси (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
40. Гонконг (воҳиди маъмурии махсуси Ҷумҳурии Мардумии Чин)
41. Макао (воҳиди маъмурии махсуси Ҷумҳурии Мардумии Чин)
42. Ирландия
43. Ҷазираи Ҷерси (ҳудуди тобеи Британияи Кабир)
44. Лубнон
45. Люксембург (Герсогии Бузурги Люксембург)
46. Лабуан (Ҳудуди федеролие, ки ба ҳайати Федератсияи Малай (Малайзия) дохил мешавад)
47. Малта (Ҷумҳурии Малта)
48. Маврикий (Ҷумҳурии Маврикий)
49. Зеландияи Нав
50. Панама (Ҷумҳурии Панама)
51. Филиппин (Ҷумҳурии Филиппин)
52. Вилояти Мухтори Мадейра (Португалия)
53. Ҷазираҳои Сейшел
54. Сингапур
55. Сент-Мартен
56. Аморати Муттаҳидаи Араб